# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА–093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295)**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25 декабри соли 2025, №32**

Бораи сазовор донистани Салимзода Фатҳиддин Файзиддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология.

Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи “Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 007.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология 25 декабри соли 2025, протоколи №32-и шурои диссертатсионии 6D.КОА – 093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Салимзода Фатҳиддин Файзиддин 10 феврали соли 1964 дар ноҳияи Данғара дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Ӯ соли 2017 факултети химия – биологияи Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси омӯзгори фанни география – демография хатм намудааст.

Салимзода Фатҳиддин Файзиддин айни ҳол муаллими калони кафедраи “Физика ва география”-и Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад.

Диссертатсия дар шуъбаи мардумшиносӣ, этнология ва антропологияи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих, академик, сарходими илмии шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Яқубов Юсуфшо.

Муқарризони расмӣ: Расулиён Қаҳор Расул – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Сафаров Холмад Хоркашович – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби муқарриз, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи “Археология, этнография ва диншиносӣ”-и муасисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Файзуллоев М. имзо шудааст, қайд гардидааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 14 интишори илмӣ оид ба мазмуни диссертатсия дорад, ки аз ин шумора 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар интишороти диссертант нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Интишороти унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА низди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1-М] Салимзода, Ф.Ф. «Сохтани манзил ва ҷиҳози хона дар байни бошандагони ғайритоҷики ноҳияи Данғара»/ Ф.Ф. Салимзода//, Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). № 4 (016), 2021. – С. 32-38.

[2-М] Салимзода, Ф.Ф. “Нақши тангаҳои аҳди қадим ва асрҳои миёна дар муайян намудани таърихи ноҳияи Данғара”/ Ф.Ф. Салимзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 7, 2022.– С. 85-92.

[3-М] Салимзода, Ф.Ф. «Данғара сароғози ниёгон»/Ф.Ф. Салимзода// Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). № 2, 2022. – С. 68-73.

[4-М] Салимзода, Ф.Ф. Бунёд ва тарзи рӯзгордории сокинони ноҳияи Данғара (то солҳои 50-уми асри XX) Ф.Ф. Салимзода// «Муаррих», № 4, 2022. – С. 68-73.

[5-М] Салимзода, Ф.Ф.“Ҷуғрофиёи таърихии Данғара дар давраҳои бекигарӣ ва баъдиинқилобӣ”/Ф.Ф. Салимзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 1, 2023. – С. 30-36.

[6-М] Салимзода, Ф.Ф., Яқубов, Ю., Мулоҳизаҳо доир ба бозиҳои бачагонаи ноҳияи Данғара / Ю. Яқубов, Ф.Ф. Салимзода // “Паёмномаи фарҳанг” Нашрияи илмию таҳлилӣ №4 (64), 2023. – С. 12-20.

[7-М] Салимзода, Ф.Ф. Доир ва таҷлили Наврӯз дар ноҳияи Данғара / Ф.Ф. Салимзода // “Паёмномаи фарҳанг” Нашрияи илмию таҳлилӣ №3 (71), 2025. – С. 13 - 21.

**II. Мақолаҳо ва интишороте, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[8-М] Салимзода, Ф.Ф. Водии Данғара. Таҳлили кишваршиносӣ [Матн] / Ф.Ф. Салимзода // – Душанбе: Бебок, 2021. – 431 с.

[9-М] Салимзода, Ф.Ф. Шуғлҳо ва ҳунарҳои мардуми Водии Данғара. Таҳлили мардумшиносӣ [Матн] / Ф.Ф. Салимзода // – Душанбе: Бебок, 2022. – 383 с.

[10-М] Салимзода Ф.Ф. Анъанаҳои мардумии хонадоршавӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2021). [Матн] / Ф.Ф. Салимзода «Мақолоти таърихӣ»

(Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ). - Душанбе: “Шоҳин-С”, 2022. – С. 45-59).

[11-М] Салимзода, Ф.Ф. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Дар мисоли ноҳияи Данғара) [Матн] /Ф.Ф. Салимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара (маҷаллаи илмӣ) – 2023, №1. – С. 226-233

[12-М] Салимзода, Ф. Тӯйи домоду арӯсӣ дар байни сокинони ноҳияи Данғара (дар замони истиқлолият) [Матн] / Ф. Салимзода // Конференсияи ҷумҳурявии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи “Заминаҳои илмӣ-назарявӣ ва таърихию фалсафии ҳифзи арзишҳои миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ” бахшида ба эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ”. - Данғара, 8 июни соли 2024. – С. 203-208.

[13-М] Салимзода, Ф.Ф. Фарқият, ҳолат ва нигоҳи мардум нисбат ба мазорҳо ва гӯронидани майит (дар мисоли ноҳияи Данғара) [Матн] / Ф.Ф. Салимзода // Маводи конференсияи ҷумҳурявии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир». - Данғара 13-уми июни соли 2025. – С. 165 - 169.

[14-М] Салимзода, Ф.Ф. Маросими «Ашаглони ростина» дар Данғара [Матн] / Ф.Ф. Салимзода // Маводи конференсияи ҷумҳурявии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир». - Данғара 13-уми июни соли 2025. – С. 152 - 155.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

1. Тоҷев Ф.Н. – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Насриддинов Х.Н. – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
3. Баротов М.Ю. – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи фарҳангшиносӣ ва мардумшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.
4. Дарвозиева Ҳ.Ш. - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо эродҳо вуҷуд надоранд. Дар тақризҳо ҷанбаҳои навгонии натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот зикр шудаанд. Ҳамчунин, дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология хулосаҳо вуҷуд доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ ва 07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология доир ба масъалаҳои гуногуни таърихӣ, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, хусусан ноҳияи Данғара дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ: Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара дар солҳои 1924 - 2024 **коркард карда шуд:**

– о*шкор менамояд, ки* маросимҳои мардумӣ аз қабили тӯйҳои арӯсу домодӣ, хатнасур ва дигар анъанаҳои дар миёни мардуми ноҳияи Данғара роиҷбуда, бо тамоми аносири мардумии маҳаллӣ гузаронида мешавад. Ин анъанаҳо дар миёни мардум аз замонҳои қадим пайдо шуда, рушду ташаккул ёфта, то замони мо омада расидаанд;

– ***пешниҳод шудааст, ки*** дар расму анъанаҳо, нисбати замони шуравӣ дар давраи истиқлолият каме тафовут ба вуҷуд омадааст. Дар давраи шуравӣ бо вуҷуди сиёсати якрангсозӣ ва маҳдуд намудани мавқеи баъзе аз расму ойинҳо, мардуми ноҳияи Данғара тавонистаанд қисмати зиёди мероси суннатии хешро ҳифз намоянд. Дар шароити соҳибистиқлолӣ барои эҳёи ҷашну маросимҳо ва ҷиҳати зинда нигоҳ доштани ин анъанаҳо бо дастгирии давлат заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст;

– ***исбот шудааст, ки*** мавқеи ҷуғрофию маъмурии ноҳияи Данғара ва хусусиятҳои хоси он, ташкил ёфтани ноҳияи Данғара ҳамчун воҳиди маъмурӣ ва шароити иқтисодии ноҳия дар замони шуравӣ, расму анъанаҳо дар ҳаёти иҷтимоии мардум, бозиҳои суннатӣ ҳамчун воситаи муҳимми тарбияи ҷисмониву ахлоқӣ барои насли наврасу ҷавон ва аҳаммияти он.

– ***ҷорӣ намудани*** натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама “Таърихи халқи тоҷик”, “география”, “этика”, “эстетика” ва “фарҳангшиносӣ” ва курсҳои дигари махсус оид ба таърихи давраи навтарин.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** бори аввал дар шакли рисолаи илмӣ дар бораи расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумие, ки дар байни сокинони ноҳияи Данғара паҳн гардидаанд, таҳқиқ гардидааст. Рисола метавонад барои пажӯҳишгарон маводи дилхоҳ пешкаш намояд. Илова бар ин, натиҷаҳое, ки дар ин рисола ба даст оварда шудаанд, метавонад барои иҷрои таҳқиқотҳои мардумшиносии дигар минтақаҳои Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд ва он ҳамчун сарчашма барои омода намудани дастуру воситаҳои гуногуни таълимӣ дар бахшҳои мардумшиносии фанҳои таъриху география, этика, эстетика ва фарҳангшиносӣ мусоидат хоҳад намуд.

У***сулҳои муосири*** таҳқиқ истифода гардиданд, ки байни онҳо пеш аз ҳама ба принсипи таърихият, даврабандии илмӣ, усулҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ – таърихӣ, таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ, мушоҳидавӣ ва

мусоҳиба истифода шуда, дар доираи омӯзиши мардумшинсӣ, таърих, ҷуғрофия ва фарҳангшиносӣ сурат гирифтааст.

– *баён шудани* ҷашну маросимҳо, расму оинҳо, бозиҳо, таърих ва фарҳанги мардуми ноҳияи Данғара, ки решаҳои амиқи таърихӣ дошта, дар шароити муосир ба омӯзиши маҷмӯӣ, ҳам аз назари илмӣ ва ҳам амалӣ ниёз доранд;

– *ошкор гардидани* заминаҳои асосии ҷашну маросимҳо, расму оинҳо, бозиҳо, таърих ва фарҳанги мардуми ноҳияи Данғара дар давоми солҳои 1924-2024 ки фарогири ду давра: давраҳои шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ мебошанд;

– *омӯхта шудани* вазъи ҷуғрофию маъмурии Данғара, ташкил ёфтани ноҳияи Данғара, масоили расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар замони шуравӣ, ҳаёти фарҳангӣ ва дастовардҳои ноҳия дар давраи соҳибистиқлолӣ, тадбирҳо ва омилҳои асосии пешравӣ ва дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоии сокинони ноҳия, таҳаввулот дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии ноҳия;

– *аз нав такмил додани* унсурҳои фаромӯшшудаи маросимҳо ва бозиҳои суннатӣ тавассути барномаҳои таълимию фарҳангӣ ва истифодаи расму ойинҳои суннатӣ дар ҳаёти муосир бо риояи меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо».

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

– *коркард ва ҷорӣ карда шуданд:* натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмию амалии олимон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маъруза баён гардидаанд;

– *муайян карда шуд,* ки иду ҷашнҳо, маросим□ои мардум□, анъана□о ва бози□ои мардум□ аз замонҳои қадим оғоз ёфта, давраи тӯлонии таърихро то замони мо дар бар гирифтаанд, дар шакли иҷро ва ё амали эҷодиёти суннатии мардум як бахши ҳаёти анъанавии миллат мебошанд, ҳамчун намунаҳои фарҳанги миллӣ дирӯзу имрӯзи ҳаёти халқро мепайванданд ва барои ваҳдату ягонагӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, арҷгузории арзишҳои маънавӣ, тарбиявӣ, ахлоқӣ ва мустаҳкам шудани муносиботи қавмӣ ва худшиносии миллӣ воситаи муҳим буда, дар ташаккули шуури миллат нақши муҳим мебозанд.

– *офарида шуд:* бори нахуст дар доираи як рисолаи илмӣ расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024) мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт;

- *муаррифӣ карда шуд:* расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024) дар ду давраи таърихӣ: замони шуравӣ ва истиқлолият.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки** дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кофӣ будани сарчашмаҳои таърихӣ,

маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

– ***ғоя асоснок карда шудааст*** бо ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳуҷҷатгузории соҳавӣ, маълумоти шифоҳӣ ва интишороти марбут ба мардумшиносӣ, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ;

– ***истифода шудаанд:*** маводи бойгонӣ, адабиёти илмӣ, ёддоштӣ, асару мақолаҳои илмӣ-оммавӣ, маълумоти оморӣ, мақолаҳои илмӣ, маълумоти шифоҳӣ ва дигар маводҳое, ки ба ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии сокинони ноҳияи Данғара алоқамандандд;

– ***муайян шудаанд:*** ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва мадании мардуми ноҳияи Данғараи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1924-2024, ҷанбаҳои ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳия, таҷлили ҷашни Наврӯз дар замони шуравӣ ва соиҳбистиқлолӣ, баргузории тӯйи домоду арӯсии сокинони ноҳияи Данғара дар муқоиса бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон, маросими таваллуди кӯдак, таҳқиқи расми азодорӣ аз рӯи мушоҳида ва маълумоти додаи сокинони ноҳия бо тарзи хронологӣ, аҳамияти расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар алоҳидагӣ, расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ ҳамчун омилҳои таъсиргузор ба ҳаёти мардум, сифатҳои иҷтимоии сокинони ноҳия дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва робитаи ногусастанӣ доштан бо анъанаю бозиҳои суннатии тоҷикон.

– **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои муносибати комилу системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих маъмул – таърихият, пайвастагии хронологӣ ва мантиқии баёни воқеаҳо, масъалагузорӣ, қиёси назарӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо, пайвастагии хронологӣ-мантиқӣ ва равиши омехтаи соҳавӣ кор гирифта шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои илмии нашргардида, маълумоти матбуоти даврӣ, мушоҳида ва суҳбатҳои мустақим роҷеъ ба расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара дар доираи солҳои 1924-2024 таҳқиқоти маҷмӯии нисбатан мукаммали илмиро бори аввал дар таърихнигории ватанӣ ба анҷом расонидааст.

Тамоми зинаҳои таҳқиқот бобати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ, мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти оморӣ, коркарди самтҳои асосии такмилдиҳии таҳлил, усулҳои баҳодиҳӣ саҳми худро гузоштааст. Хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, дар асоси онҳо мақолаҳои илмӣ омода намуда, рӯйи чоп овардааст.

Дар маҷлиси 25-декабри соли 2025 (аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар ҳузур доштанд) шурои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба

Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.07– Мардумшиносӣ, этнология ва антропология дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.07– Мардумшиносӣ, этнология ва антропология 3 нафар. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Бобоев Х.Ю.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, доктори фалсафа**
**(PhD), доктор аз рӯйи**
**ихтисоси таърих** **Мирзоев Ш.Ҷ.**

**25-декабри соли** 2025